# 13 11 2018

Чандин маротиб аст, ки перомуни даст ба террору ифротгароӣ задани ТТЭ ХНИ, тавассути ВАО-и кишвар матолиби гуногун ба нашр мерасад. Харчанд рохбарияти ТТЭ ХНИ аз худ мусичаи бегунох метарошанд ва айбу гунохи содиркардаашонро ба зимма намегиранд, аммо собик аъзои ин хизби террористӣ (аз чумлаи Домулло Айёмиддини ихтиёран тарки хизб кардаву Эшони Киёмиддини боздоштшуда ва дигарон) икроранд, ки бо мададу хамдастӣ бо хадамоти махсуси Эрон хар гуна чурму чиноётро дар Точикистон махз нахзатихо рӯйи кор овардаанд.

Хар вакте чунин матолиб ба нашр мерасад, “обсофкунакхои нахзатӣ” зуд болои об гашта, бидуни далел айбу гунохи хамсафони худ мешуянд... Аммо магар метавон шуоъхои сузони офтобро бо доман пӯшонд? Асло не!
Боварам кунед, хар чи дар хакки нахзатихо мегӯянд, ба Худо касам мехурам, ки ин хама катрае аз бахр аст. ТТЭ ХНИ саропо гутавари чурму гунох аст ва ростӣ ки намедонам дар он дунё ин разилон чӣ посухе назди Худованд медода мебошанд.
Ман низ замоне узви ХНИ будам ва хар гуна корхои техникиро дар дастгохи марказии ХНИ амалӣ месохтам. Дар чаласахову чамъомадхои хизб низ иштироки фаъол доштам. Дастмузди хуб мегирифтам – 3 хазор сомонӣ, аммо вакти дар ведемост имзо мондан, хакулмузд 560 сомонӣ нишон дода шуда буд, ки рӯ ба рӯи он имзои муборакам мегузоштам. Хазинадори нахзат Хочӣ Холмахмад, хар вакти пулгирӣ таъкидам мекарданд: “Мабодо агар макомот аз маош пурсанд, хамин ракамеи дар ведемост нишондодашударо бигӯй”.
Вокеан хам шигифтангез он нукта буд, ки танхо дар як кароргохи марказии хизб беш аз 100 нафар машгул бо корхои хизбӣ буданд ва хар кадоме аз 3 то 7 хазорӣ маош мегирифтанд. Хизб дар ихтиёр корхонаву истехсолоте надошт, пас ин микдор маблаг аз кучо дастраси онхо мегашт? Ба замми ин, хар мох собикадорони нахзат ва собик размандагони маъюбу мачрух ба маблаги то 1,5 хазорӣ нафака мегирифтанд.
Рӯзхои чумъа бошад, собик размандагони нахзатӣ, ки чое кор намекарданд, дар кароргохи хизб чамъ гашта, аз Кабирӣ дархости кӯмак мекарданд, ки барои хар яки онхо низ худи хамон лахза маблаг пайдо мегашт. Ва аз кадом хисоб? Ба ин суолам собик узви ХНИТ Корӣ Иброхим хуб посух дода буд: “Бародарони эрониву ихвонихо зинда бошанд, нахзат асло хор нахохад шуд!”

Кумитаи Имдоди Хумайнӣ, ки кароргохи марказиаш дар пойтахт буд, дар кароргохи нахзатихо намояндаи худро дошт ва тибки тавсияи ТТЭ ХНИ ба мухточон кӯмак мерасонд. Ёдам хаст, он замон масъули корхои хайриявиро Корӣ Фазлиддин ном нафаре бар ухда дошт, ки дар хонаи худ мухточону дардмандонро кабул карда, ба кавли худ “бо усулхои хос” “табобаташон” мекард. Баъдан фасодкории он фасодзада ифшо гашт: мавсуф бар ивази номнависии мухточон, бахусус духтарону занхо чихати дарёфти

кӯмаки хармоха, бо эшон хамхоба мешудааст. Рохбарияти нахзат ба хотири пӯшиши гуноххои узви худ, ӯро аз вазифа барканор ва барои идомаи фаъолият ба Эрон фиристода буд.
Мардум, бахусус афроди мухточ аз фасодкории ХНИ сари вакт огах шуда, худро аз онхо канор гирифтанд. Баъдан, чандин амалкарди хушунатомези дигар аз кориву мавлавихои нахзатиро ниходхои кудратӣ ошкору тавассути шабакахои кишвар пешкаши мардум гардонида буданд.
Тайи рӯзхои охири фаъолияти ТТЭ ХНИ дар Точикистон, хазинаи хизб саршор аз асъори хоричӣ гардида буд ва ин хамаро муовини рохбари ХНИ Сайидумар Хусайнӣ зери назорати катъӣ дошт. Сухани як нафар аз шоирону нависандагон, шодравон бобои Камар хеч аз ёдам намеравад, ки бахс бо як Мавлавии нахзатӣ рӯйрост ба ӯ гуфта буд: “Аз пулу молу нону ошатон бӯи хун меояд ва билохира якояки шумо дар ин бахри хун гарк мегардед. Шумо хатто Худову Расулро хам фиреб медихед”.
Хазинаи гании нахзат кариб, ки пеши чашмони аксарро пӯшонида буд. Бахусус, рохбарони нахзат аз чахорчӯбаи Ислом дур гашта, олудаи фасоди ахлокӣ гашта буданд. Аз Кабирӣ сар карда то зинаи пасти хизб духтаракони зебову шахлочашмеро, ки ба кавли худ дар кароргохи хизб сабаки исломӣ мегирифтанд, барои худ интихоб мекарданд. Шохнаъими Карим, масъули пулу моли нахзат, ки шахси бовариноки Кабириву Хусайнӣ буд, махз тавассути ӯ бо роххои гуногун аз хорича пул вориди хазинаи нахзат мегашт. Аслан хазинаи вокеии нахзат дар Эрон буд ва хатто бучети яксолаи хизб бо тамоми масорифу даромаду харочоташ он чо муайяну тархрезӣ мешуд. Чониби Эрон лоихаеро тархрезиву пешниходи рохбарияти ХНИ карда буданд, ки баъдан бо маъниву мазмуни он аз наздик ошно гаштам. Нахзат вазифадор шуда буд, то ба хотири чалби олимону афроди хунарманд, варзишгарону хунармандон пайваста бо онхо чамъомаду махфилхо доир намуда, хар семоха ба онхо кӯмаки молӣ расонад. Эрон чунин тарзи корро як шохаи асосии даромади бучети хизб маънидод карда буд. Ин чо аз овардани ному насаби он афроди зиёӣ ва варзишкорону хунармандоне, ки муддате пойбанди Кабирӣ гашта буданд, худдорӣ мекунам, зеро изои муъмин харом аст.
Хар гохе зиёиеву хунарманде дари нахзат мекуфт ва дархости кӯмак мекард, Кабирӣ руху илхом мегирифт ва аз тобеъонаш даъват менамуд, то сайдхои бо дасту пои худ ба дом афтидаро побанди худ гардонанд. Кабирии зираку маккор, рӯзхои аввал хатто ба чандин олимону рӯзноманигорони точик шиму костюм хадя карда буд.
Бо тавсияву дастури хочагони хизби нахзат ва пушиши суратхисобхои хизб, созмони хайриявии "Мир Сайид Алии Хамадонӣ" таъсис ёфта буд, ки муассисону масъулини он муовини раиси ТТЭ ХНИ Сайидумар Хусайнӣ ва узви Раёсати ХНИ Мухаммадсаид Ризоӣ буданд. Ризоӣ филиали созмони мазкурро дар хонаи худ вокеъ дар махаллаи “Южний”-и шахри Душанбе чой дода, фаъолият пеш мебурд. Хамарӯза гирду атрофи хонаи Ризоӣ пур аз корафтодагоне буд, ки ба доми тори анкабути Ризоиву Хусайнӣ афтода буданд. Пешоруи мухточон як шарт гузошта мешуд: Хохед, ки хамеша кӯмак дастрас намоед, пас узви ХНИ гардед. Теъдоде аз мардум шарти пешоругузошташударо зуд мепазируфтанд, аммо аксарият ба чунин пешниход розӣ намегаштанд. Ризоӣ филиалхои созмонро дар Рашту Шахритусу Кабодиёну Вахш низ созмон дода буд. Он чо низ бар ивази кабули узвият ба хизб ба мухточон хурокаву пушокаву асбобхои рӯзгор такдим мегашт. Махз аз хамин хисоб рохбарони нахзат шумораи аъзояшонро зиёд мекарданд.
Сару садохое, ки гуё шумораи аъзои ТТЭ ХНИ то 40 хазор нафар расидааст, дуруги махз буд. Савганд мехӯрам, ки аъзои онхо аз ду хазор зиёд хам набуд ва инхо хам

пирони кайхо фавтидаву чанд зани бевамонда буданд.
Билохира, ба доми анкабут афтодагон аз макри нахзатихо сари вакт хабардор шуда, тарки хизб карданд. Кабирии маккор аз такдиру кисмати талхи минбаъдаи хизб огах шуда, аз кишвар фирор кард. Фирори Кабирӣ аз накшаи сиёхи нахзатихо дарак медод.
Билохира, чунин хам шуд: Кабл аз даст ба тазохурот задани Хочӣ Халим, дар сахни хавлии кароргохи марказии ХНИ, вокеъ дар шахри Душанбе, рохбарияти ХНИТ Сайидумар Хусайнӣ, Махмадалӣ Хайит, Шохнаими Карим, хазинадори нахзат – Хочӣ Холмахмад ва чандин нафари дигар аз мавлахихо хушхолу болидарух буданд ва бо хам аз ояндаи Точикистон пешгӯихо мекарданд. Ростӣ, ки хеч гох онхоро чунин сахиву дарёдилу хушхол надида будам. Бо хар узви нахзат самимона мулокот карда, баъдан як кабза пулро ба чайбашон халонда, хушхолона мегуфтанд: “Бобои Хочӣ дар хакки мо дуогӯ бошед, иншоаллох пирӯзӣ кариб аст! Чайбу сумкаи дар дастдоштаи Шохнаими Карим пур аз пул буд ва ӯ чавонзани фаррошеро, ки андармони рӯбу чини майдон буд, назди худ хонда, панч хазор сомониро ба дасташ дод ва охиста огахаш кард, ки “Инро гиреду дар хакки мо дуо кунед ва чанд руз ба кор наоед, вакте пирӯз шудем, хатман шуморо меёбем...” Чашми Шохнаим ба ман афтоду маро низ назди худ хонд. Аснои дасти вохӯрӣ дароз кардан, чанд панчсадсумаеро ба дастам дод ва гуфт: “Хамааш хуб мешавад, то чанд муддат дар хона бошед ва ахбор гуш кунед”.
Баъд аз як хафтаи ин мулокот тарики расонахо шунидам, ки Хочӣ Халим дар хамдстӣ бо нахзатихо даст ба ошӯб задааст.
Хуб, хонандаи азиз, фикр мекунам ин чо дигар ба шарху тафсири масъала хочат нест, зеро амалкарди нахзатихо гувохи он аст, ки сад дар сад онхо плану накшаи сиёхи худро мехостанд бо тарху маслихати хочагони эрониашон дар сартосари кишварамон амалӣ созанд. Хушбахтона, бодовардахо тӯъмаи боди барангехтаашон гаштанд. Худоро шукр!

Рӯзноманигори мустакил Муслихиддини Асрорӣ.
**Бознашр аз “Фейсбук”**